ТАСДИҚ МЕКУНАМ:

Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

_____Ғафурзода А.Д.

«_1_» _____2023с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи ба диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Мухтавои он ба ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он. Мубрамияти мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Буриев Акмал Рачабалиевич пеш аз ҳама, барои рушд ва таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон хазинаи

табиии нодир буда, мувофиқи маълумоти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, айни замон дар ҳудуди ҷумҳурӣ 28 кони тилло кашф шудааст, ки ҳаҷми умумии он тақрибан 429,3 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Инчунин дар шимоли ҷумҳурӣ дуюмин калонтарин кони нукра дар ҷаҳон, бо коркарди солонаи 50 тонна мавҷуд аст, ки захираи он ба беш аз 150 сол мерасад. Илова бар ин, тибқи маълумоти вучуддошта, дар Тоҷикистон беш аз 400 кони маъдан ва ғайримаъдани канданиҳои фоиданок кашф ва барои азхудкунӣ омода карда шудаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи мазкур дуруст қайд намудаанд, ки «дар шароити имрӯза азхудкунии самараноку оқилонаи захираҳои қаъри замини Тоҷикистон, маблағгузорӣ барои истихроҷ ва коркарди маъдан, инчунин корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ ва иктишофи конҳои нав тавассути ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми рушди соҳаи саноат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, хусусан ташкили ҷойҳои нави корӣ маҳсуб меёбад». Бинобар ин, татбиқи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар ҶТ қабл аз ҳама ба бештар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ равона карда шудааст, ки дар ниҳоят ҳамчун омили муҳим дар таъмини суботи иқтисодии миллӣ хизмат мекунад.

Вазъи кунунии иқтисодии Тоҷикистон моро дар бораи зарурати беҳбуд бахшидани сиёсати давлат дар ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат ба баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ водор менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади ташаккули нақшаҳои гуногуни ҳамкории давлатию хусусӣ, аз ҷумла тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ ва ё созишнома оид ба тақсими маҳсулот ва дигар шаклҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар самтҳои дарёфт, иктишоф, истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералӣ, инчунин истифодаи захираҳои канданиҳои фоиданок ва ғайра дар ҷумҳурӣ заминаи дахлдори ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Дар баробари ин, муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ босуръат инкишоф

ёфта, ба дигаргунии фаъол (дигаргуниҳо) рӯ ба рӯ мешавад, ки мутаносибан вокуниши саривақтӣ ва ҳуқуқии кофиро талаб мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ аз он ҳам бармеояд, ки чӣ таврс унвонҷӯ қайд намудааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конституцсия сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат мебошад. Табиати ҳуқуқи мазкур баҳснок буда, ҷанбаи ҳуқуқии граждании он баъзан инкор мегардад. Ин ҳолат ба вазъи ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждани таъсир дошта, боиси номуайяниҳо ва баҳсҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, ки монсаи рушди қонунгузории ин соҳа ва амалия гардидааст. Аз ин рӯ, яке аз бахшҳои муҳим ва мубрами масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждани ин муайян намудани табиати ҳуқуқи моликият ба сарватҳои зеризаминӣ ва имконияти татбиқи конструксияи институти ҳуқуқи моликият нисбат ба он мебошад. Муайян ва ҳал намудани он аҳамияти калони назариявӣ ва амалиявӣ дошта, омили ҳалкунандаи рушди минбаъдаи қонунгузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад».

Айни замон, бинобар демократикунонии муносибатҳои ичтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, доираи истифодаи усулҳои ҳуқуқии граждани оид ба танзими муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ васеъ гардида, доираи меъёрҳои ҳуқуқии граждани дар соҳаи мазкур ба таври назаррас зиёд шудаанд, ки хосатан муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ танзим мекунанд.

Муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба монанди конституцсионӣ, маъмурӣ, экологӣ, замин, молиявӣ, граждани ба танзим дароварда мешаванд, ки ин масъала борҳо дар адабиёт қайд карда шудааст. Вале бояд ба инобат гирифт, ки маҳз танзими шартномавии масъала боиси истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҷалби сармоя ва амалишавии дигар ҳадафҳои гузошташуда гардида метавонад. Бинобар ин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ дар доираи ҳуқуқи

граждани барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Мавзуи мазкур чуноне, ки аз рисола ва автореферати кор бармеояд дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими умумӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, экологӣ, кишоварзӣ, замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ» омода карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Бурисв Акмал Рачабалиевич аз муқаддима, ки дар он мақсад, объект, предмет, навовариҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, ду боби фарогирандаи панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва иншороти муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ мантиқан дуруст муайян шуда, пайдарҳамии мантиқӣ дар он риоя шудааст. Ҳаҷми умумии рисола 166 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар умум, унвонҷӯ як қатор навовариҳоро ба илм дохил намуда, аввалин муҳаққиқи самти мазкур аст, ки кӯшиш намудааст, ба таври маҷмӯӣ институти истифодаи шартномавии сарватҳои зеризаминиро аз лиҳози ҳуқуқи граждани омӯзад. Муаллиф таъкид менамояд, ки афзоиш ва доираи амали ҳуқуқи граждани дар танзими муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ хеле назаррас аст. Ин ҳолат ҳангоми бастани шартномаҳое, ки бо мақсади ба даст овардани маълумоти иктишофӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок возеҳ дида мешаванд. Қонунгузор мавҷудияти танзими ҳуқуқи граждании баъзе муносибатҳоро таъкид мекунад, аз ҷумла, ҳангоми бастан, иҷро намудани созишномаҳои тақсими маҳсулот. Қаблан ба ҳуқуқи граждани мавқеи барои танҳо танзими ҳаракати канданиҳои фоиданок, ки ба сатҳи замин истихроҷ мешаванд, пешбинӣ карда мешуд. Тағйиротҳо дар қонунгузорӣ асос дар бораи вассъ кардани ҳудуди танзими ҳуқуқии граждании муносибатҳои истифодаи қаъри замин шуда метавонанд.

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузории амалкунанда муаллиф ба хулосае омадааст, ки: а) меъёрҳои мавҷудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба талаботи муомилоти муосири граждани чавобгӯ набуда, бинобар хусусиятҳои хосси танзими ин муносибатҳо дар Тоҷикистон (ҳуқуқи моликияти истисноии давлат ба сарватҳои зеризаминӣ) дар амалия номуайянӣ ҷой дорад; б) танзими муносибатҳо вобаста ба сарватҳои зеризаминӣ дар маҷмуъ хусусияти комплексӣ дорад, зеро самтҳои алоҳидаи он аз тарафи соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ танзим карда мешавад ва муносибатҳои ҳуқуқии граждани танҳо он қисмати муайяни ин муносибатҳоро танзим менамояд, ки ба доираи мавзуи танзими он шомил мешаванд; в) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, №983 ниёз ба такмили ҷиддӣ дошта, дар қисмати пурзӯр намудани меъёрҳои ҳуқуқии граждани вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ он бояд коркард карда шавад; в) ҳуқуқи граждани муносибатҳо оид ба сарватҳои зеризаминро танзим менамояд, агар дар қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ меъёрҳои махсус вобаста ба танзими онҳо пешбинӣ нагардида бошад ва ин муносибатҳо тамоми нишонаҳои муносибатҳои танзимкунандаи қонунгузории гражданиро доро бошанд; г) хусусияти асосии танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он зоҳир меёбад, ки он танҳо муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи мазкур ва муомилоти истифодаи сарватҳои зеризаминиро дар асоси шартнома мавриди танзим қарор медиҳад;

Диссертант махсус таъкид мекунад, ки сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ин як қисми муҳити табиат буда, дар қабати замин ва дар зери объектҳои обӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, ки мавҷудияти дохилии онро аз қабили обҳои зеризаминӣ ва фазои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок дар қабати замин ва объектҳои зериобии ба тартиб ва мақсади пешбинишудаи қонун истифодашаванда ва васеъшавии он то дастрас будан тамоми намуди истифодабариро дар

бар мегирад. Муаллиф дар ин замина таъкид менамояд, ки ки мафҳуми мазкур аҳаммияти умумиҳуқуқӣ дорад, зеро дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ истифода бурда мешавад. Ҳарчанд дар доираи танзими ҳуқуқи граждани, аз ҷумла таҳқиқоти мазкур ин мафҳум чандон васеъ истифода намешавад (бинобар аҳаммияти дахлдор надоштан), вале дар маҷмуъ он қобили истифода буда метавонад, хусусан вақте сухан дар бораи ҳуқуқи моликияти давлат ба ин объект меравад.

Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки таҳлили мавзуи мазкур на танҳо аҳамияти соф илмӣ, балки аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ дорад ва таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари интихоби мавзуъ, гузориши масъалаи баррасишаванда ва роҳу усулҳои таҳқиқ аз дигар рисолаҳо фарқ дошта, дар ин самт аввалин таҳқиқоти илмӣ мебошад, ки вазъи ҳуқуқии институти мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Бояд қайд намоем, ки дар доираи таҳқиқот аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии кишвар вазъи ҳуқуқии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқи граждани ба таври маҷмӯи таҳлил гардидааст.

Нуктаҳои илмӣ, пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф ҳамагӣ асоснок, қобили дастгирӣ буда, барои такмил додани институти мазкур равона шудаанд, ки ин аҳамияти иқтисодии онро низ ошкор месозад.

Муаллиф тавонистааст, ки дар ҷараёни таҳқиқот якчанд падидаҳои ҳуқуқиро таҳлил карда, мафҳуми онҳоро муайян намояд. Дар заминаи адабиёти илмӣ у тавонистааст таърифи сарватҳои зеризаминиро ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ пешниҳод намояд. Аз ин нуқтаи назар таҳқиқот хусусияти назариявӣ низ дорад.

Нуктаҳои илмӣ ва навовариҳои рисола дар заминаи омор ва таҷриба таҳия шудаанд, эътимоднокӣ ва асолати онҳоро таҳким мебахшад.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмил додани қонунгузории граждании Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳо вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ қобили дастгирӣ мебошанд ва дар

дурнамо метавонанд вазъро дар ин самт муътадил созанд. Пешниҳоду тавсияҳои дигари муаллиф, ки дар рисола хеле зиёд ҳастанд метавонанд саҳми назаррас дар илм ва амалияи ҳуқуқи граждани бошанд.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузории граждани, ки истифодаи сарватҳои зеризаминиро ба танзим медароранд, ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад.

Вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда, аз ҷумла: муайян намудани асосҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; таҳлили нақши қонунгузории граждани дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; мушаххас гардонидани ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ; коркарди мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи граждани; нақш, ҷой ва моҳияти шартнома ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; муайян намудани мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; муайян намудани нақши шартномаи концессионӣ дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; баррасии моҳияти созишнома оид ба тақсими маҳсулот дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба таври куллӣ аз ҷониби муаллиф баррасиву ҳал шуда, дар асоси он хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки унвонҷӯ аз уҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ба хубӣ баромадааст.

Таҳлилҳо дар диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масоили қонунгузорӣ, ки дар асоси сарчашмаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, илмӣ, омор ва таҷриба аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд, асосноқӣ ва муътамадии онҳоро таҳким бахшидаанд ва баёнгарии таҷрибаи кофии таҳқиқотӣ доштани муаллиф буда, аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дарачаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои назарӣ ва амалии проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо дарназардошти ба инобат гирифтани рушди ҳуқуқи миллӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои алохида мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба химоя пешниҳод карда шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ хам аз ҷанбаи илм хусусияти назариявӣ дошта, барои рушди илм ва таҳқиқотхо дар ин самт мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар, онҳо хусусияти амалӣ дошта, барои такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи институти ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мусоидат менамоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Буриев Акмал Рачабалиевич манзур карда шудаанд, метавонанд дар тахияву тачдиди қонунгузории соҳаи граждани, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои тарзҳои таъмини таълим дар соҳаи ҳуқуқи граждани сахмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, шартномаҳои ҳуқуқи граждани, ҳангоми ичрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавон ба таври васеъ мавриди корбаст қарор дод.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дарачаи илмӣ дода шавад:

1. Дар нуктаи якуми назариявии худ, таҳқиқбаранда барои ҳимоя намудан мафҳуми сарватҳои зеризаминиро пешниҳод намудааст, ки он

чунин аст: «Сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ин як қисми муҳити табиат буда, дар қабати замин ва дар зери объектҳои обӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, ки мавҷудияти дохилии онро, аз қабили обҳои зеризаминӣ ва фазои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок дар қабати замин ва объектҳои зериобии ба тартиб ва мақсади пешбинишудаи қонун истифодашаванда ва васеъшавии он то дастрас будан, тамоми намуди истифодабариро дар бар мегирад.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи дуюми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод менамояд, ки: «танзими муносибатҳо вобаста ба сарватҳои зеризаминӣ дар маҷмуъ хусусияти комплексӣ дорад, зеро самтҳои алоҳидаи он аз тарафи соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ танзим карда мешаванд ва муносибатҳои ҳуқуқии граждани танҳо он қисмати муайяни ин муносибатҳоро танзим менамояд, ки ба доираи мавзуи танзими он шомил мешаванд. Ин муносибатҳо тамоми нишонаҳои муносибатҳои танзимкунандаи қонунгузории гражданиро доро мебошанд. Хусусияти асосии танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он зоҳир меёбад, ки он муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи мазкур ва муомилоти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси шартнома мавриди танзим қарор медиҳад. Зимнан, вобаста ба хусусиятҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст, ки сарватҳои зеризаминӣ объекти ҳуқуқи моликият буда, дар муомилоти граждани иштирок карда метавонанд.

3. Дар нуктаи сеюми илмӣ-назариявии худ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф муаллиф асоснок намудааст, ки меъёрҳои мавҷудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба талаботи муомилоти муосири граждани ҷавобгӯ набуда, бинобар хусусиятҳои хоси танзими ин муносибатҳо дар Тоҷикистон (ҳуқуқи моликияти истисноии давлат ба сарватҳои зеризаминӣ) дар амалия номуайянӣ ҷой дошта, механизмҳои шартномавӣ ба пуррагӣ амалӣ нагардида истодаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, №983 ниёз ба такмили

ҷиддӣ дошта, дар қисмати пурзӯр намудани меъёрҳои ҳуқуқии граждани вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ он бояд коркард карда шавад.

4. Дар тавсияи чоруми худ муллиф ишкишофи қонунгузорӣ оид ба шартномаи консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду марҳила таснифбандӣ намудааст. 1) марҳилаи якум аз соли 1997 оғоз мегардад, зеро бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 «Дар бораи консессияҳо» қабул карда шудааст. Қонун принсипҳои асосии амалӣ гардонидани фаъолияти хоҷагидории консессиониро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва муносибатҳои ҳуқуқи, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои вобаста ба фаъолияти мазкурро муайян намуд; 2) марҳилаи дуюм аз соли 2011 то имрӯз. Дар марҳилаи мазкур бо дарназардошти муносибатҳои нави шартномаи консессионӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, №783 қабул гардид, ки дар рушди соҳа муносибатҳои навро ба миён овард. Қонуни мазкур муносибатҳои вобаста ба конссссияро танзим намуда, салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарт ва тартиби ба конссссия додани объектҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои конссссиядор, иҷро ва муҳлати шартномаи консессия, инчунин кафолати дастгирии фаъолияти консессиониро муайян намудааст.

5. Гузашта аз ин, дар идомаи тавсияи панҷуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф чунин зикр менамояд: «тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза шартномаи консессионӣ яке аз шаклҳои ояндадори баланд бардоштани самарабахшии истифодаи моликияти давлатӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки шартномаи конссссионӣ дар аксарияти мамлакатҳо ҳамчун механизми самарабахши шартномавии истифодаи моликияти давлатӣ эътироф карда мешавад ва дар қонунгузории миллиашон институти ҳуқуқии шартномаи консессия ташаккул ёфтааст».

Шартномаи консессия шакли алтернативии мутаносиби муносибатҳои байни давлат ва сармоягузори хусусӣ мебошад. Давлат дар ин маврид маблаггузории бавоситаи мақсадноки объектҳои мушаххасро, ки соҳиби онҳо бокӣ мемонад, таъмин менамояд ва сармоягузор бошад бо давлат муносибатҳои шартномавӣ баста, ба худ кафолату шароитҳои хоси муомилоти гражданиро таъмин менамояд.

6. Бо дарназардошти адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ унвонҷу хулоса намудааст, ки моҳияти консессия ҳамчун падидаи ҳуқуқи граждани дар истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ ва ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат нигаронида мешавад.

Вобаста ба ин ҳолат чунин хусусиятҳои хоси падидаи консессия пешниҳод карда мешавад: консессия (иҷозат, гузашт) дар асоси шартномаи консессия амалӣ карда мешавад; дар асоси он пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ сурат мегирад; объектҳои консессия аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст дохил мешавад; ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат анҷом дода мешавад; тартиб ва шартҳои гузаронидани озмун дар хусуси ба консессия пешниҳод намудани объект афзалият дорад; номгӯи объектҳое, ки ба консессия дода намешаванд ё ба консессия додани онҳо маҳдудиятро қонунгузорӣ муқаррар мекунад.

7. Муаллифи диссертатсия шартномаи консессиониро ба гурӯҳи шартномаҳое дохил менамояд, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим нашуда, институти нав дар анъанаи танзими муносибатҳои шартномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур мавриди

баҳс қарор дошта, ақидаи ягона вобаста ба он ҷой надорад. Муаллиф асоснок кардааст, ки шартномаи консессионӣ табиати ҳуқуқии граждани дошта, ақидаҳо оид ба табиати маъмурии ҳуқуқӣ ва ё омехтаи он беасос мебошанд. Мавҷудияти меъёрҳои оммавӣ дар танзими муносибатҳо вобаста ба консессия ба табиати ҳуқуқии граждании он таъсир намерасонад.

8. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии худ унвонҷӯ табиати ҳуқуқи граждании созишнома оид ба тақсими маҳсулот муайян намуда, пешниҳод менамояд, ки бояд табиати созишнома оид ба тақсими маҳсулот аз реҷаи созишнома оид ба тақсими маҳсулот фарқ карда шавад. Дар мавриди якум сухан дар бораи табиати ҳуқуқии граждании созишномаи мазкур меравад, дар мавриди дуюм хусусияти оммавӣ-ҳуқуқии он зоҳир мегардад. Зиёд будани меъёрҳои императивӣ аз реҷаи ин созишнома вобаста буда, мавҷудияти меъёрҳои оммавӣ дар танзими муносибатҳои мазкур ба табиати ҳуқуқии граждании он таъсир намерасонад.

Диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич инчунин бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ се нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дарбар мегирад (с. 16-18).

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дарачаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Оид ба пешниҳоди якум барои мукаммал кардани қонунгузорӣ: «Аз ин рӯ, барои таҳким бахшидани усули муосири танзим тариқи шартномаҳои консессионӣ, пешниҳод карда мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» танзими муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо бо меъёрҳои қонунгузории гражданин Ҷумҳурии

Тоҷикистон пешбинӣ ва усули танзими ҳуқуқии граждани мустаҳкам карда шавад (с.17)». Ба андешаи мо пешниҳоди мазкур баҳснок аст, зеро дар қонун зарурати мустаҳкам кардани танзими муносибатҳои тарафҳо бо мсъёрҳои қонунгузории граждани ҷой надорад.

2. Дар пешниҳоди дуюм дарҷ карда мешавад, ки сарватҳои зеризаминӣ объекти ҳуқуқи моликият мебошад (с.14). Вобаста ба таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонугузорӣ мо дар он андешаем, ки чунин масъалагузорӣ баҳсро ба вуҷуд меорад, чунки тибқи моддаи 13 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат мебошад.

Эродҳо ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии опро коста намегардонанд.

Аксарияти интишороти илмии Буриев Акмал Рачабалиевич дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар гирифтаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмӣ (аз он 6 мақола дар мачаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор шудаанд.

Оид ба мавзуи таҳқиқотӣ - проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ» пурра мутобиқат дошта, хулоса ва мазмуни мухтасари таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзуи мазкур мебошанд. Унвончӯ дар чараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иктибоси мавод ишора менамояд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарачаи илмӣ.

Диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Буриев Акмал Рачабалиевич ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дарачаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси мукаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №6 аз 23 январи соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Саъдиев Исмоил Зарифович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №7 аз 1 феврали соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назарияви:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети
идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Д.С.

Ташхисгар:
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати
давлатии факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саъдиев И.З.

Котиби ҷаласа:
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатуллозода П.Н.

Имзои раис, ташхисгар ва котиби ҷаласаро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДР ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВО

Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: +992 (37) 224-17-86 E-mail: info@apa.tj